**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи *«Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 070002 – Таърихи ватанӣ.**

Диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи ***«Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)»*** ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 070002 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)" иртибот дошта, ба масъалаи омӯзиши дастовардҳои фарҳангии халқи тоҷик иртибот дошта, самтҳои афзалиятноки сиёсати фарҳангиро дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва рушди самтҳои гуногуни соҳаи мазкурро дар вилояти Хатлон инъикос мекунад, ки дар ташаккули илми ватанӣ ва махсусан таърихи муосири Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳамзамон мавзуи мазкур яке аз мавзуъҳои актуалии замони муосир ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон аз рӯзҳои аввали ба даст даровардани истиқлолият дар соли 1991 дар риштаи фарҳанг ба мушкилот дучор гардид. Ин амр бастагӣ дошт бо фурӯпошии ИҶШС ва ба буҳрон дучор гардидани ҷумҳурӣ. Ин ҳолат бо ба вуҷуд омадани буҳрони сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давра, яъне рух додани ҷанги шаҳрвандӣ сахт алоқамандӣ дорад. Ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам ба ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ ва махсусан ба вилояти Хатлон, ки макони ҷангу хунрезиҳо ва даргириҳо ба шумор мерафт, тамоми бахшҳои соҳаи фарҳанги вилоятро фалаҷ намуда буд.

Аммо новобаста ба ин мушкилоти пешомада баъд аз ба даст овардани сулҳу субот дар кишвар таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи фарҳангро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, барои рушду инкишофи он аз тамоми имкониятҳо давра ба давра истифода намуда, то як

андоза барои пешрафти ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Гуфтаҳои худро мо ба он дастовардҳое, ки дар ин соҳа дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба даст омадаанд, аз қабили бунёди қасрҳои фарҳанг, боғҳои фарҳангу фароғатӣ, таъмиру тармими ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ аз қабили қалъаҳо дар шаҳру навоҳии вилоят ва дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, асоснок менамоем.

Дар диссертатсия низ муаллиф он камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи фарҳанг ва ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлонро муқаррар намуда, дастовардҳои ҳаёти фарҳангии вилоятро то соли 2016, ки бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба вуҷуд омадааст, ҷойгир намудааст.

Муаллифи диссертатсия Алишери Амирхон ҳангоми омӯзиши мавзуи мазкур омӯзиши ҳаёти фарҳангии вилояти Хатронро дар шароити имрӯза зарур ва саривақтӣ ҳисобида, мубрамияти мавзуъро чунин асоснок менамояд:

1. Соҳаи фарҳанг ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Мо инро аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло ва ба таври возеҳу равшан мушоҳида мекунем. Ӯ дар суханрониҳояш соҳаи фарҳанг, бахусус риштаи маорифро яке аз муҳимтарин ҷабҳаи ҳаёти кишвар дониста, паҳлӯҳои гуногуни онро ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида, барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи фарҳанг дастуру ҳидоятҳои муҳимму муфид медиҳад. Аммо дар соҳаи таҳсилоти умумии вилояти Хатлон то ба ҳол мушкилот вуҷуд дошта, ки онҳо ҳалли фаврӣ мехоҳанд.

2. Ҳарчанд, ки барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ, миёнаи махсус ва олии вилояти Хатлон Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти иҷроияи ин вилоят корҳои зиёдеро ба ба анҷом расонида бошанд ҳам, аммо дар ин соҳа низ каму костиҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ин норасоиҳо дар сифати пасти таълим, донишии нисбатан пасти донишҷӯён, камбуди устодони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ дошта ва ғайра зоҳир мегарданд

3. Таъкиди он нукта лозим аст, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар вилояти Хатлон соҳаи адабиёт, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ аз қабили театрҳо, дастаҳои мусиқӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, хонаҳои фарҳанг, клубҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ аз рушди нисбӣ бархӯрдор гардидаанд. Аммо дар ин риштаҳо низ камбудиҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки офаридани асарҳои пастсифати адабӣ, бо теъдоди хеле кам табъу нашр гардидани матбуоти даврӣ, норасоии мутахассисони соҳибкасб ва соҳибтаҷриба дар театрҳои касбию халқии вилоят, камбуди асбобу анҷоми ҳунарӣ дар театрҳо ва ансамблҳои ҳунарӣ, таъмирталаб будани бархе аз биноҳои китобхонаҳо ва осорхонаҳо, сол то сол кам шудани теъдоди китобу маҷаллаҳои маҳфуз дар китобхонаҳои вилоят, маоши пасти кормандони соҳаи фарҳанг аз ин қабиланд.

Алишери Амирхон дар омода кардани диссертасия аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бойгониҳои шаҳру навоҳии вилояти Хатлон васеъ истифода намуда, диссертатсияи худро дар затҳи зарурӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои навишти диссертатсияҳо омода намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ, ки “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (солҳои 1991-2016)” номгузорӣ шудааст, муаллиф аз методҳои муҳими таҳқиқотӣ аз ҷумла методи таърихӣ, пайдарҳамӣ, мантиқӣ ва ғайраҳоро истифода намудааст.

Навовариҳои илмии таҳқиқот асоснок ва мушаххас буда, мустақилияти эҷодиву фикрӣ дар ҳамаи бахшҳои диссертатсия мавҷуд мебошад. Ҳамзамон хулосаҳои муаллиф дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия ҷолиби диққат ва инъикоскунандаи тамоми паҳлуҳои мавзуъ мебошад ва рисола аз лиҳози услубӣ ва илмиву мантиқӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Алишери Амирхон дар сатҳи зарурӣ омода шуда, як қатор бартариятҳо ва навгониҳоро доро мебошад, ки минбаъд имкон дорад, ки онро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон, омода намудани курси

лексияҳо, воситаҳои таълимиву методӣ, китобҳои дарсӣ аз фанҳои таърихи муосири Тоҷикистон, таърихи халқи тоҷик ва фарҳангшиносӣ истифода намуд.

Бо мавҷудияти бартариятҳо дар диссертатсия як қатор камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасад, ки он камбудиҳо асосан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошад. Аммо ин камбудиҳо ба ҷанбаҳои илмӣ, сохтори диссертатсия ва моҳияти он таъсир намерасонад ва муаллиф то ба пешниҳод намудан ба Шӯрои диссертатсионӣ он камбудиву хатогиҳоро ислоҳ менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Алишери Амирхон кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Алишери Амирхон, ки дар мавзуи ба "Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (солҳои 1991-2016)" барои пешниҳод намудан ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005 тавсия мегардад.

Диссертатсияи Алишери Амирхон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он Алишери Амирхон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**муаллими калони кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Н. Абдуҳамидов.**

**Имзои Н. Абдуҳамидовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э. Тавқиев.**

**11 апрели соли 2022**
**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Тел: +992 981070030, E-mail: farhat_safo@mail.ru**